Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз «____ » _______ соли 2023,
№ ___
тасдиқ шудааст

# Дастурамали №____
# дар бораи тартиби пешниҳод намудани
# шакли ҳисоботи омории №1-А
# «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет»

Дастурамали №__ дар бораи тартиби пешниҳод намудани шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» (минбаъд - Дастурамал) мутобиқи моддаҳои 42 ва 86 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» таҳия шуда, тартиби аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳод кардани ҳисобот оид ба андозҳои ҳисобшуда ва пардохтшуда, инчунин ҷаримаҳо ва фоизҳои ҳисобшуда аз рӯйи онҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷетро, ки ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба сифати андозсупоранда ва агенти андоз ҳисоб ва пардохт мекунанд, муайян менамояд.

## 1. ШАКЛ ВА МУҲЛАТИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ

1. Шакли ҳисоботи омории №1-А «Ҳисобот оид ба андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» (минбаъд-ҳисоботи омории №1-А) ба Бонки миллии Тоҷикистон (минбаъд– БМТ) дар файли электронии шакли Excel тариқи почтаи электронӣ ҳар моҳ на дертар аз таърихи 5-уми баъди давраи ҳисоботӣ пешниҳод карда мешавад. Давраи ҳисоботӣ моҳи ҳисоботӣ дониста мешавад.

2. Дар шакли ҳисоботи омории №1-А маълумот оид ба бақияи маблағи андозҳо дар аввали давраи ҳисоботӣ (бақияпулӣ-, изофапулӣ+), маблағи ҳисобшуда ва пардохтшудаи андозҳо, маблағҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андозҳо (рӯйпӯш +/, ҷуброн -/), инчунин бақияи маблағи андозҳо дар охири давраи ҳисоботӣ (бақияпулӣ-, изофапулӣ+) ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет дарҷ

карда мешавад. Дар ҳисоботи омории №1-А ҳамаи маълумотҳо бо пули миллӣ нишон дода мешаванд.

3. Дар ҳисоботи омории №1-А маълумот дар бораи рамзи андоз тибқи рамзгузории Замимаи 1 ва рамзи намуди андоз тибқи рамзгузории Замимаи 2 Дастурамали мазкур дарҷ мегардад.

4. Ҳангоми дарҷ намудани маблағи иловатан ҳисобшуда (пардохтшуда) дар натиҷаи санҷишҳои андозӣ, рамзи намуди андозие, ки нисбат ба он иловаи ҳисобшуда ошкор шудааст, дарҷ карда мешавад.

## 2. ТАРТИБИ ПЕШНИҲОДИ ҲИСОБОТ

5. Ҳисоботи омории №1-А тавассути почтаи электронӣ ба БМТ ирсол мегардад.

6. Маълумоти ҷамъбастӣ барои ҳисоботи омории №1-А бояд пешакӣ дар файли электронии шакли Excel бо назардошти талаботи Дастурамали мазкур таҳия карда шавад.

7. Сохтори файли электронии шакли Excel дар шакли ҳисоботи омории №1-А нишон дода мешавад. Ин файл ба воситаи барномаҳои иловагӣ ё аз тарафи оператор-иҷрокунандаи шакли ҳисоботи омории №1-А «дастӣ» пур карда мешавад.

8. Маълумот дар файли электронии шакли Excel бо риояи талаботи Дастурамали мазкур ворид карда мешавад. Дуруст пур намудани ҳисобот аз рӯйи шакли нишондодашуда ба БМТ ба воситаи почтаи электронӣ пешниҳод карда мешавад.

9. Дар низоми автоматишудаи ҷамъоварии ҳисоботҳои БМТ санҷишҳои иловагии маълумотҳои воридкардашуда дар давраи ҳисоботӣ гузаронида мешаванд. Инчунин, низом маълумоти пешниҳодшавандаро таҳлил карда, хатоиҳоро дар маълумоти дахлдор ошкор менамояд. Низом дурустии маълумоти воридшавандаро санҷида, дар бораи хатоиҳо ба суроғаи почтаи электронии иҷрокунанда хабар дода, таҳрири онҳоро имконпазир мегардонад. Дар ҳолати дуруст будани ҳисобот ба суроғаи почтаи электронии иҷрокунанда паём ирсол мегардад. Маълумотро чанд маротиба, то лаҳзаи қабул гаштани ҳисобот ба низом таҳрир кардан мумкин аст. Баъди қабул гаштани маълумот ба низом, таҳрири маълумоти

ҳисоботӣ танҳо бо иҷозати шахсони ваколатдори БМТ имконпазир мебошад.

10. Дар ҳолати ворид намудани тағйиру иловаҳо ба усулҳои таҳияи ҳисоботи омории №1-А ба иҷрокунандаи ҳисобот маълумоти иловагӣ ва ҳуҷҷатҳо бо шарҳу тавзеҳот аз ҷониби кормандони воҳиди сохтории масъули БМТ пешниҳод мешавад.

11. Агар ба сохтори файл тағйироту иловаҳо ворид шуда бошанд (дигаршавии ҷойи қисмҳо, сутунҳо, ноаёнии сутунҳо ва ғайра), ҳисобот ҳамчун маълумоти ҳисоботии нодуруст пешниҳодшуда дониста мешавад ва ин гуна ҳисобот дар БМТ ҳамчун пешниҳод накардани ҳисобот дар мухлати муқарраршуда дониста мешавад.

12. Ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд барои давраи ҳар семоҳаи гузашта (дар шакли афзоянда) дар моҳи якуми семоҳаи минбаъда санади муқоисавии аз ҷониби мақомоти андоз тасдиқшударо дар замимаи ҳисоботи ҷорӣ ба БМТ ирсол намоянд.

## 3. ТАРЗИ ПУР НАМУДАНИ ШАКЛИ ҲИСОБОТ

13. Ҳисоботи омории №1- А дар файли электронии шакли Excel таҳия шуда, аз рӯйи замимаҳои №1, 2, 3 ва 4 Дастурамали мазкур пур карда мешавад ва аз қисматҳои зерин иборат мебошад:

- варақаи унвонӣ (R1T1);
- варақи R1. Рамзи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет;
- варақи R2. Рамзи намуди андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети давлатӣ ;
- варақи R3. Рамзи нуқтаи аҳолинишин;
- варақи R4. Ҳисоби тавозунӣ.

14. Дар варақаи унвонии шакли ҳисоботи омории №1-А дар файли электронии шакли Excel бояд санаи ҳисоботӣ дар шакли «рӯз/моҳ/сол», рамзи мушаххаси бонкӣ (РМБ) ва рамзи мушаххаси андозсупорандаи (РМА) ташкилоти қарзии молиявӣ нишон дода шавад.

15. Ҳангоми тариқи почтаи электронӣ ба БМТ пешниҳод намудани шакли ҳисоботии омории №1-А дар файли электронии шакли Excel бояд дар варақаи унвонӣ ному насаб ва рақами телефони иҷрокунандаи он нишон дода шавад.

16. Дар варақи R1 рамзи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет нишон дода шуда, ҳангоми рамзбандии маълумоти сутуни 1 варақаи унвонӣ аз онҳо истифода бурда мешавад.

17. Дар варақи R2 рамзи намуди андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети давлатӣ нишон дода шуда, ҳангоми рамзбандии маълумоти сутуни 2 варақаи унвонӣ аз онҳо истифода бурда мешавад.

18. Дар варақи R3 рамзи нуқтаи аҳолинишин нишон дода шуда, ҳангоми рамзбандии маълумоти сутуни 3 варақаи унвонӣ аз онҳо истифода бурда мешавад.

19. Дар варақи R4 ҳисоби тавозунӣ нишон дода шуда, ҳангоми рамзбандии маълумоти сутуни 4 варақаи унвонӣ аз онҳо истифода бурда мешавад.

Сохтори варақаи унвонӣ (R1T1). Маълумоти умумӣ дар бораи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет

| № | Номгӯй | Мундариҷа |
|---|---|---|
| 1 | Рамзи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет | Мутобиқи Замимаи 1 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 2 | Рамзи намуди андозҳо ва пардохтҳои ҳатмии буҷети давлатӣ | Мутобиқи Замимаи 2 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 3 | Рамзи нуқтаи аҳолинишин | Мутобиқи Замимаи 3 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 4 | Ҳисоби тавозунӣ | Ҳисоби тавозунӣ барои баҳисобгирии уҳдадориҳои андозӣ ва бо мақсади назорати дурусти пардохт ва мувофиқат намудани маълумоти аз ҷониби ташкилоти қарзии молиявӣ пешниҳодшаванда бо маълумоти уҳдадориҳои андозӣ аз рӯйи тавозуни он, инчунин бемамониат пардохт гардидани ҳар як намуди андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ аз рӯйи самт ва таъинотАшон ба буҷетҳои дахлдор истифода бурда мешавад ва мутобиқи |

| | | |
|---|---|---|
| | | Замимаи 4 Дастурамали мазкур нишон дода мешавад. |
| 5 | Бақияпулӣ дар аввали давра (бақияпулӣ-, изофапулӣ +) | Маблағи андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет ҳисоб карда шуда, аммо дар санаи ҳисоботӣ пардохт нашудаанд (бақияпулӣ) ё изофа пардохт шудаанд (изофапулӣ). |
| 6 | Маблағҳои ҳисобшуда | Маблағи андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет дар давраи аз аввали моҳи ҳисоботӣ то охири моҳи ҳисоботӣ ҳисоб карда шудаанд.<br>Пардохтҳои ҷории андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ки тибқи муқаррароти қонунгузории андоз амалӣ карда шудааст.<br>Барои мақсадҳои Дастурамали мазкур андози иҷтимоии ҳисобшуда ва пардохташуда маблағе мебошад, ки воқеан ба буҷет пардохта шудааст ва ё бояд пардохт карда шавад. |
| 7 | Маблағҳои пардохтгардида | Маблағи андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки ба буҷет аз аввали моҳи ҳисоботӣ то охири моҳи ҳисоботӣ пардохт карда шудаанд.<br>Пардохтҳои ҷории андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ, ки тибқи муқаррароти қонунгузории андоз амалӣ карда шудааст. |
| 8 | Маблағҳои ҳисоббаробаркунӣ аз рӯйи андозҳо (рӯйпӯш + / ҷуброн -) | Маблағе, ки дар рафти пардохт намудани андозҳо ба буҷетҳои дахлдор аз рӯйи як намуди андоз кам (зиёд) карда шудааст, ба дигар намуди |

| | | |
|---|---|---|
| | | андоз ба ҳамин маблағ зиёд (кам) мегардад. |
| 9 | Бақияпулӣ дар охири давра (бақияпулӣ-, изофапулӣ +) | Маблағи андозҳо, дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, фоизҳо ва ҷаримаҳое, ки барои пардохтан ба буҷет ҳисоб карда шуда, аммо дар санаи ҳисоботӣ пардохт нашудаанд (бақияпулӣ) ё изофа пардохт шудаанд (изофапулӣ). |